# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-003 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 08.00.08 – БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА АУДИТ

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 10-уми майи соли 2025, № 111**

Барои сазовор донистани Болтуева Рухсора Камоловна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит.

Диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит санаи 08-уми феврали соли 2025, суратмаҷлиси № 101 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки он дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2021, №349 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Болтуева Рухсора Камоловна 5 сентябри соли 1986 дар шаҳри Хуҷанди Вилояти Суғд таваллуд шудааст. Болтуева Рухсора Камоловна соли 2003 ба Филиали Хуҷандии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дохил шуда онро соли 2008 аз рӯйи ихтисоси “Иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳо” бо муваффақият хатм намудааст. Аз соли 2013 то соли 2020 дар ширкати фармасевтии украинии “Юрия Фарм, дар вазифаҳои роҳбари намояндагии ширкат дар Вилояти Суғд ва муовини директор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст.

Солҳои 2019-2021 дар Муассисаи давлатии Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ аз рӯйи ихтисоси “Кори фармасевтӣ” таҳсил намудааст.

Айни замон дар ширкати фармасевтии ҶДММ “Ҷи Эм Фармасютикалс” ба ҳайси директори намояндагӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

Болтуева Рухсора Камоловна солҳои 2021-2025 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, дар ин муддат кори илмиро дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи мавзуи: “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ” иҷро кардааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

- **Мирзоалиев Абдумалик Абдунабиевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон муқаррар карда шудааст. Тақризи муассисаи пешбар, ки аз тарафи эксперт – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов И.А. омода гардидааст, дар ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон 19 апрели соли 2025, суратмаҷлиси № 8/1 муҳокима гардида, аз тарафи раискунандаи ҷаласа мудири кафедраи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раджабова И.Р. имзо гардида, бо имзои ректори Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло М.К. 19 апрели соли 2025 тасдиқ карда шудааст.

Дар тақризи пешниҳодшуда хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсия бо меъёрҳои муқарраршуда оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна кори илмии мустақилона анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, дорои навгонии илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ мебошад.

Гуфтаҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна дар мавзуи "Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ" бо талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мебошад.

Довталаб 10 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз онҳо 6 мақола ба маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия**

***А. Интишорот дар маҷаллаҳо ва нашриёҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

1. Болтуева Р.К. Таъминоти муҳосибӣ-иттилоотии назорати дохилии ташкилотҳои истеҳсолкунандаи доруворӣ / Р.К.Болтуева // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021.– №4. – С. 186-193.
2. Болтуева Р.К. Таснифи объектҳои баҳисобгирӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ. / Р.К.Болтуева // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2021.– № 8. – С. 187-194 .
3. Болтуева Р.К. Рушди баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Р.К.Болтуева// Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №4.– С. 34-42.
4. Болтуева Р.К. Ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ташкилотҳои доруворӣ / Қ.Х.Хушвахтзода, Р.К.Болтуева // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022.– №5. – С.80-87.
5. Болтуева Р.К. Внедрение комплексной системы автоматизации для совершенствования фармацевтической деятельности / Р.К.Болтуева // Журнал «Наука и инновация», 2022 – №4.– С.142-147.
6. Болтуева Р.К. Рушди методикаи баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо дар асоси низоми ҳисобҳои ширкати фарматсевтӣ / Р.К.Болтуева // Паёми донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024.– №3 (53). – С. 30-41.

**Б. Мақолаҳо дар дигар нашриёҳо:**

7. Болтуева Р.К. Разработка рекомендаций по развитию фармацевтического рынка Республики Таджикистан в современных условиях / Д. Ф. Сайфуллоева, Ф. Ф. Сайфуллоев, Р. К. Болтуева // Вестник Пермской государственной фармацевтической академии: Научно-практический журнал. Научно-практическая конференция с международным участием, посвященная 50-летию кафедры токсикологической химии, Пермь, 14–15 декабря 2022 года. – Пермь: Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования «Пермская государственная фармацевтическая академия» Министерства здравоохранения Российской Федерации, 2022. – С. 292-294.
8. Болтуева Р.К. Ташкили низоми баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳо / Қ.Х.Хушвахтзода, Р.К.Болтуева // Маҷаллаи «Тоҷикистон: иқтисод ва идора». Нашри махсус бахшида ба Форуми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Робитаҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсия ҳамчун асоси

инкишофи иқтисодиёти миллӣ» (14-17 марти 2023). -Душанбе: ДМТ. – 2023. - 111 с. – С. 5-11

9. Болтуева Р.К. Бунёди ҳисоботи идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ// Маводҳои конференсияи илмию назариявии байналмилалӣ дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи иқтисоди рақамӣ ва тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», бахшида ба «Солҳои рушди саноат (2022-2026)». (25 ноября 2023). -Душанбе, ДДМИТ. – 2023. – С. 294-299

10. Болтуева Р.К. Коркарди нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ ҳамчун асоси такмили методикаи баҳогузории фаъолияти бизнес-равандҳо дар ширкатҳои фармасевтӣ / Р.К.Болтуева // Равандҳои муосири молиявӣ-қарзӣ: мушкилот ва дурнамо. Маҷмӯаи маводи конфронси II илмӣ-амалии байналмилалӣ, 7-уми декабри соли 2024. – Душанбе, 2024. – С. 536-546.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**1. Раҳимов С.Х. –** н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

– муаллиф дар бораи фаъолияти ширкатҳои ватании фармасевтӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулот ва хариду фурӯш машғуланд, дахл намуда, ба муқоиса намудани тартиби баҳисобгирии муҳосибии онҳо диққати хоса зоҳир накардааст.

– оид ба баҳисобгирии маҳсулоти фармасевтӣ-дорувории муҳлаташон гузашта ва тартиби аз ҳисоб баровардани онҳо дар автореферат маълумот дода нашудааст.

**2. Шамсиддинов М.М.** – н.и.и., Мутахассис оид ба пардохти Лоиҳаи дуюми мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

– дар ҷадвали 3 (саҳ.31) муаллиф номгӯйи нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-раванди “Таъминот” барои ширкати тиҷоратии фармасевтиро пешниҳод намудааст. Агар мохияти ин нишондиҳандаҳоро боз ҳам васеътар кушода медод, арзиши илмии автореферат боз ҳам боло мерафт.

– дар саҳ. 28-уми автореферат муаллиф шаш раванди тиҷоратиро дар ширкатҳои фармасевтӣ ҷудо намудааст, вале асос ва зарурияти чунин таснифот дар атореферат дида намешавад.

**3. Шарифзода С.Р.** - н.и.и., директори МДТ “Коллеҷи омӯзгории **ша**ҳри Турсунзода”бо чунин эрод:

Дар расми 1 (саҳ.23) муаллиф амсилаи баҳисобгирии даромад ва хароҷот ва муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ дар ҶДММ «ТБШ»-ро коркард намуда, дар он танҳо рамзҳои ҳисобҳоро нишон додааст. Агар, муаллиф номи ҳамаи рамзҳои ҳисобҳои нишондодаашро тафсир мекард, мундариҷаи ҳамин зербоби кори илмӣ боз ҳам фаҳмотар мегардид.

**4. Олимӣ Р.Л.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” бо чунин эрод:

– муаллиф дар автореферат барои фаъолияти ширкати фармасевтӣ баҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯйи бизнес-равандҳоро пешниҳод намудааст, аммо дар автореферат самаранокии иқтисодии онҳо муйян карда нашудааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ ва бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор доштан дар таҳқиқи масъалаҳои назария, методология ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур, қобилияти баланди баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии ин мутахассисон барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шуд:*** усулҳои муносиби ташкили баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоби арзиши аслии маҳсулот, тавсияҳои методӣ барои ташкили бизнес-равандҳо ва нишондиҳандаҳои асосии самаранокии фаъолияти онҳо, амсилаҳои баҳисобгирии даромадҳо, хароҷот ва натиҷаҳои молиявӣ аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ бо мақсади мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ коркард карда шуд;

- ***пешниҳод шудааст:*** бо мақсади мукаммалгардонии раванди таъминоти иттилоотиии роҳбарият пешниҳод карда шудааст, ки вобаста ба сатҳи ташкилӣ-идоракунии ширкати тиҷоратии фармасевтӣ зинаҳои тайёркунии ҳисоботи дохилӣ муқаррар карда шавад. Ҳар қадаре ки сатҳи идоракунӣ мураккаб бошад, ҳамон қадар маълумотҳои ҳисоботӣ бояд бо тафсилтар пешниҳод карда шаванд. Илова ба ҳисоботҳои идоракунии ҷамъбастӣ пешниҳод карда шудааст, ки дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ вобаста ба зарурат дигар намудҳои ҳисоботи махсусгардонидашуда, аз он ҷумла ҳисобот оид ба фурӯши чакана ва яклӯхт; ҳисобот оид ба харид ва захираҳои молҳо; ҳисобот оид ба қарзҳои дебиторӣ; ҳисобот оид ба ҷараёнҳои молҳо; хисобот оид ҳисоббаробаркунии байниҳамдигарӣ ва ғ. тартиб дода шавад;

- ***исбот шудааст***, ки мундариҷа ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ бо ёрии тамоми объектҳои он ошкор карда мешавад ва ташкил кардани баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ аз рӯйи объектҳои мушаххас амали бисёр муҳим ва самаранок ҳисоб меёбад. Дар

асоси таҳлили адабиёт ва таҷрибаи ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ муаллиф ҷудо кардани гурӯҳҳои зерини объектҳоро дар фаъолияти ширкатҳои зикршуда зарур мешуморад: хароҷот, натиҷаҳои фаъолият, банақшагирӣ ва буҷет, захираҳо (моддӣ, молиявӣ, кадрӣ), бизнес-равандҳо, муҳити дохилӣ ва беруна, воҳидҳои сохтории молиявӣ ва хоҷагидорӣ. Аҳаммияти ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи объектҳои пешниҳодшуда дар он зоҳир мегардад, ки бо ёрии иттилооти дар доираи он омодашаванда ҳамаи захираҳо ва фаъолиятҳо ҳамчун равандҳои алоҳида назорат ва идора карда мешаванд;

**- *асоснок карда шудааст***, ки ташкили баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ барои бунёди иттилооти муфассал ва таҳлилӣ шартӣ зарурӣ мебошад. Муносибати амалиётӣ ба ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ талаб мекунад, ки дар системаи идоракунии ташкилот иттилоот дар бораи ҷараёни равандҳо, таҳвилдиҳандагони он, истеъмолкунандагон, захираҳои истеъмолшаванда ва дигар унсурҳое ташкил карда шаванд, ки аз ҷониби менеҷери раванд ва роҳбар истифода бурда мешавад. Дар робита ба ин аз ҷониби муаллиф амсилаи таъмини иттилоотии идоракунии бизнес-равандҳо коркард шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- ***исбот карда шудааст***, ки дар илми иқтисодиёти ватанӣ то кунун атрофи масъалаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳқиқоти васеъ анҷом дода нашудааст. Дар диссертатсияи мазкур барои бунёди асосҳои назариявӣ ва методии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳавӣ коркардҳои муаллифӣ, ки дорои арзиши баланди илмию аммалӣ мебошанд, пешниҳод карда шудаанд;

- ***усулҳои муосири*** омӯзиши муаммоҳо, руйдодҳо, амалиётҳои хоҷагӣ ва ҳодисаҳо, қоидаҳо ва тарзҳои омӯзиши роҳҳои рушди фаъолияти хоҷагидорӣ ба монанди: усулҳои таърихӣ, мантиқӣ, маҷмӯӣ ва системавӣ дар мувофиқат бо таҳлилҳои омилӣ, гурӯҳбандӣ, тарзу усулҳои таъмини иттилоотии қарорҳои идоракунӣ, унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибӣ, аз он ҷумла ҳисобҳои муҳосибӣ, навишти дутарафа, ҳисоботи муҳосибӣ, арзишмуайянкунӣ ва ғ. истифода бурда шудаанд. Дурустии натиҷаҳои таҳқиқот маҳз бо истифода аз маҷмуи усулҳои зикршуда таъмин гардидааст.

- ***баён шудани*** мавқеи муҳим доштани фаъолияти тиҷоратии ширкати фармасевтӣ (фурӯши молҳо, корҳо, хизматрасониҳо), ки аз ҷумлаи унсурҳои муҳими натиҷаҳои молиявӣ ҳисоб .меёбанд. Дар ин росто тавсия карда шудааст, ки таснифот кардани даромадҳо зарур шуморида шуда, ҳисобот оид ба даромадҳо тибқи шаклҳои фаъолияти ширкат бояд тайёр карда шавад, ки он барои ташаккули иттилооти ба менеҷерҳо пешкашшаванда дар хусуси муайянкунии таркиби

даромадҳои ширкати фармасевтӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ нақши муҳим мебозад.

- ***ошкор карда шудааст,*** ки вобаста аз намудҳои фаъолияти ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ, истеҳсоли намудҳои гуногуни маводҳои доруворӣ ва маҳсулоти таъиноти тиббӣ истифодабарии усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунӣ, ки дар амалия мавҷуданд, ба монанди усули фармоишӣ, усули марҳилавӣ, усули ABC ё «Баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи амалиётҳо (фаъолият)». низомҳои «Абзорпшен-костинг» (арзиши пурра) ва «Директ-костинг»(арзиши нопурра), усули «Стандарт-кост», усули баҳисобгирӣ дар мӯҳлати додашуда» (Just in Time ё JIT) дар шароити пешрафти технологияҳои рақамӣ, тақсимкунии муносиби хароҷот байни объектҳои баҳисобгирӣ, ҳисоби саҳеҳи арзиши аслӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ мубрам мебошад.

- ***омӯзиши*** хусусиятҳои хоси ташкил ва пешбурди фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии ширкатҳои фармасевтӣ имконият фароҳам овард, ки муаллиф ҷудокунии бизнес-равандҳои зеринро ба монанди: бизнес-раванди «Фаъолияти сармоягузорӣ»; бизнес-раванди «Таъминот»; бизнес-раванди «Фаъолияти истеҳсолӣ»; бизнес-раванди «Фурӯш ва маркетинг»; бизнес-раванди «Таҳқиқот ва коркарди маҳсулот»; раванди «Маъмурӣ ва хоҷагӣ» амали зарурӣ ва манфиатнок шуморида, барои ҳар кадоме аз онҳо доира ва номгӯйи ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилиро муайян намудааст. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоботи дохилӣ аз рӯйи бизнес-равандҳои муайяншуда раванди ташаккули иттилоот оид ба истифодабарии захираҳо ва бадастории натиҷаҳоро аз рӯйи бизнес-равандҳои пешниҳодшуда ба низом медарорад.

- ***аз нав такмил додани*** методикаи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисоби арзиши аслӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботи дохилӣ аз руйи марказҳои масъулият, ки муаллиф онҳоро хамчун бизнес- равандҳо муаррифӣ намудаст, баҳисобгирӣ ва ҳисобот аз рӯйи амалиётҳои фурӯш василаҳои муҳим ва калидии методологии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ ҳисоб меёбанд. Дар ин росто амсилаҳо, равишҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳо коркард карда шудаанд, ки барои мукаммалгардонии раванди таъминоти баҳисобгирӣ-иттилоотии мудирияти ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ мусоидат менамоянд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- ***аҳаммияти амалии*** таҳқиқоти анҷомшуда дар он аст, ки натиҷаҳои ҷудогонаи онро дар вақти коркарди муқарраротии назариявию методӣ оид ба такмил додани низоми пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ истифода бурдан мумкин аст. Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранокии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи бизне-равандҳо, марказҳои масъулият, мавриди татбиқ қарор дода шуда, дар асоси нишондиҳандаҳои

коркардшуда баҳогузории фаъолияти бизнес-равандҳо амалӣ карда мешавад;

- **натиҷаҳои таҳқиқоти методологию** назариявии гузаронидашуда дар оянда метавонад ҳамчун манбаи иттилоот барои гузаронидани таҳқиқотҳо, коркард ва такмилдиҳии низоми баҳисобгирии идоракунӣ, алалхусус дар ширкатҳои саноати фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак расонад. Ҷанбаъҳои назариявию методии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбӣ зимни тадриси фанҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ, менеҷмент ва маркетинг метавонанд истифода бурда шаванд.

- **коркард ва ҷорӣ карда шуд:** амсилаҳо, коркардҳо ва тавсияҳои методӣ оид ба мукаммалгардонии унсурҳо ва усулҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои иқтисодии тиҷорати фармасевтӣ – ҶДММ "Тиб барои шумо" (маълумотномаи №5 аз 12.02.2024) ва ҶДММ "Вежа Фарма" (маълумотномаи №08/24 аз 18.01.2024) мавриди истифода ва татбиқ қарор гирифтаанд.

-**муайян карда шуд,** ки хусусиятҳои соҳавии ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ аз дигар соҳаҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ бо инфиродӣ будани шакли фаъолияти истеҳсолӣ, назоратшавандагӣ аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор, вобастагӣ аз омилҳои иқтисодию иҷтитмоӣ, вазъи эпидемиологӣ, фарққунанда буда, пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташкили низоми назорати дохилӣ, усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунии маҳсулоти доруворӣ, тартиби ҳисоби амалиёти хоҷагӣ ва омодакунии ҳисоботи дохилихоҷагӣ дар ин корхонаҳо равишҳои махсусро талаб мекунанд;

-**офарида шуд:** методикаи баҳисобгирии хароҷот, ҳисоби дақиқи арзиши аслии маҳсулоти доруворӣ, амсилаи баҳисобгирии даромаду хароҷот ва муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ бо роҳи ба ҷузъиётҳои алоҳида ҷудокунии онҳо дар мисоли ширкатҳои фармасевтии ватанӣ, алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳои саноати фармасевтӣ барои аниқ муайян намудани натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ, ки эътимоднокии нишондиҳандаҳои ҳисоботи дохилиро таъмин менамоянд;

-**муаррифӣ карда шуд:** номгӯйи принсипҳо (қоидаҳо)-и асосӣ ва объектҳои муҳими баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳод карда шуд, самтҳои асосии такмил додани методикаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратии фармасевтӣ бо роҳи коркарди амсилаи банақшагирии фаъолияти асосӣ – фурӯш, коркарди намунаи ҳисоботҳои дохилии идоракунӣ, тавсияҳои методӣ барои ташкили баҳисобгирӣ аз руйи марказҳои масъулият, истифодабарии муносиби ҳисобҳои муҳосибӣ барои банизомдарории иттилооти муҳосибӣ, коркарди нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ барои баҳогузории фаъолияти бизнес-равандҳо дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ пешниҳод карда шуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки:**

- **назарияи таҳқиқ** дар заминаи муқаррароти назариявию консептуалии эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ, таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон, аз рӯйи методология ба асарҳои олимони иқтисодшинос, аз ҷумла иқтисодчиёни хориҷию ватании соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, назорат, таҳлил, ки ба таҳқиқи такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ машғул шудаанд, инчунин рӯйдоду далелҳо аз фаъолияти ширкатҳои фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи бизнес-равандҳо, сохторҳои таркибӣ ва ғ. ташаккул ёфтааст;

- **ғояи таҳқиқот дар** асоси барномаҳои давлатии рушди саноати дорусозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, «Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» №1413 аз 30 майи соли 2017, таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти тадқиқоти гузаронидаи муаллиф, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва тадқиқотӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи низоми баҳисобгирии муҳосибии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти корхонаҳои фармасевтии ватанӣ ва сарчашмаҳои иттилоотии шабакаи «Internet», инчунин коркардҳо аз ҷониби муаллиф асоснок шудааст;

- **аслият ва навгониҳои натиҷаҳои таҳқиқот** оид ба такмил ва рушди методикаи низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷорати фармасевтӣ бо далелҳои мушаххас аз фаъолияти корхонаҳои зикршуда ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

- **усулҳои муосири** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот зимни тартибдиҳии ҷадвалҳо, таҳияи амсилаҳо ва равишҳои баҳисобгирии идоракунӣ, назорати дохилӣ ва коркарди тавсияҳо баҳри баландбардории самаранокии идоракунии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории субъектҳои тиҷоратии соҳаи фармасевтӣ истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аз коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва рушди корхонаҳои саноати фармасевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои соҳа иборат мебошад.

- мукаммал намудани методикаи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ ба мутобиқ намудани ин низом бо хусусиятҳои соҳа ва омилҳои ба соҳаи мазкур таъсиррасон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад, ки он боиси боло рафтани рақобатпазирии корхонаҳои саноати дорусозӣ ва ширкатҳои ба тиҷорати он машғулбуда дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, тақвияти иқтидори ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаи мазкур дар асоси истифодаи

усулҳои муосири пешниҳоди иттиллооти молиявӣ-хоҷагидорӣ ба истифодабарандагон мегардад.

- муаллиф методикаи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои тиҷоратии фармасевтиро дар заминаи ҷамъбастнамоиҳои назариявӣ, илмӣ ва амалӣ баррасӣ намуда, пешниҳоду тавсияҳоро ҷиҳати такмили онҳо кор карда баромадааст. Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқоти дисертатсиониро ҳангоми коркардабарории муқаррароти назариявӣ ва методологӣ оид ба такмили усулҳои рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои индустрияи фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан бамаврид мебошад.

- натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф дар амалия татбик карда шудаанд (Донишгоҳи милли Тоҷикистон (маълумотномаи № 178-1 аз 15.03.2024), ҶДММ "Тиб барои шумо" (маълумотномаи №5 аз 12.02.2024) ва ҶДММ "Вежа Фарма" (маълумотномаи №08/24 аз 18.01.2024);

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 6,4 ҷ.ч., аз он ҷумла 6 макола дар маҷаллаҳои илмии такризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявие, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2021-2024 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф ба тариқи маърӯза баён гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 санаи 10.05.2025 қарори сазовор донистани Болтуева Рухсора Камоловна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 4 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар узви Шуро, ки дар маҷлис иштирок доранд, 14 нафар овоз доданд. Натиҷа: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Низомов С.Ф.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**10.05.2025**